Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

27 марти соли 2024
Чоршанбе
№ 25 (15036)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БО ҲАР ЯК КОРХОНА, СОҲИБКОР ВА ХОНАВОДА АЗ НАЗДИК КОР БА РОҲ ГУЗОШТА ШУДААСТ

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 25-26 март аз вилояти Намангон боздид ба амал овард.**





Дар рўзи дуюми сафар ҷамъомади роҳбари давлат бахшида ба муҳокимаи чорабиниҳо оид ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Намангон баргузор гардид.

Таъкид гардид, ки ба туфайли меҳнатдўстӣ ва истеъдоди соҳибкории аҳолӣ вилояти Намангон ҳусни тоза касб менамояд. Дар ҳафт соли охир иқтисодиёт ду маротиба афзуда, содирот се баробар, даромад ба ҳар сари аҳолӣ ба 15,5 миллион сўм расид. Ба туфайли сармоя ба миқдори 65 триллион сўм 600 ҳазор ҷойи кори нав фароҳам оварда шуд. Аммо бисёр имконот ҳанўз корбурд нашудааст, дар маҳалҳо камбудиҳо вуҷуд доранд. Барои мисол, 86 фоизи содироти вилоят ба соҳаҳои саноати бофандагӣ ва истеҳсоли меваву сабзавот рост меояд. Дараҷаи саноатисозӣ дар ноҳияҳои Поп, Чортоқ, Норин ва Янгиқўрғон паст мебошад. Барои парвариши маҳсулот 56 ҳазор қитъаи наздиҳавлӣ истифода намегардад.

Дар ҷамъомад, ки дар рўҳи танқидӣ баргузор гардид, мушкилот таҳлил гардида, вазифаҳо оид ба пурра сафарбар намудани имкониятҳо муайян карда шуданд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки масъалаи муҳим таъмини аҳолӣ бо шуғл ва баланд бардоштани даромади он ба шумор меравад. Дар пойгоҳи таҷрибаи ноҳияи Сайҳунобод дар вилояти Намангон низ корҳои зиёд шурўъ гардиданд. Ба 788 маҳалла дар 14 ноҳияи вилоят филиалҳои бонкҳо вобаста карда шуданд. Онҳо якҷоя бо ҳафтгонаи маҳалла имконоти ҳар як хонавода, хоҳиш ва кўшиши оилаҳоро меомўзад.

Дар марҳилаи аввал 4 ҳазор оилаҳои камтаъмин интихоб гардида, барои онҳо чорабиниҳо оид ба афзоиши даромад ба сари аҳолӣ то 2 миллион сўм андешида мешавад. Дар марҳилаи оянда боз ба 4 ҳазор оила дастгирии молиявӣ, техникӣ ва машваратӣ расонда мешавад. Дар маҳаллаҳо барои рушди гулпарварӣ, моҳипарварӣ, занбўриасалпарварӣ, чорводорӣ, ангурпарварӣ, парвариши қулуфной ва картошка имкониятҳои хуб фароҳам аст. Барои ин кредитҳои имтиёзнок ҷудо карда мешавад.

– Бо ин корҳо кӣ бояд машғул гардад? Ҳокимон, ки намояндагони Президент мебошанд, роҳбарони секторҳо, беш аз 5 ҳазор нафар ходимони идораҳои иқтисодиёт, ҳафтгонаи маҳалла бояд машғул гарданд. Барои ин ҳамаи шахсони масъул бо ҳар як корхона, соҳибкор ва хоҷагии хонаводагӣ алоқаи зичро бояд ба роҳ гузорад, – гуфт роҳбари давлат.

Дар солҳои охир дар соҳаи саноати бофандагӣ азнавкоркарди пурраи ашёи хом ба роҳ монда шудааст, ки он ба афзоиши ҳаҷми содирот аз 1 то 4 миллиард доллар замина фароҳам овард. Мисли ин, дар саноати ҷавоҳирот инчунин потенсиали калон вуҷуд дорад. Ҳар сол дар мамлакатамон 100 тонна тилло истихроҷ гардида, фақат 6 фоизаш аз нав кор карда мешавад, ки он содиротро ҳамагӣ ба 78 миллион доллар таъмин менамояд. Бинобар ин дар бораи ташкил намудани минтақаҳои ҷавоҳирот бо шароити махсус барои соҳибкорон эълон гардид. Пурра занҷири гузоштани ашёи хом, тарбияи мутахассисон, тавлид ва низоми фурўш таҷдиди назар мегардад, оид ба дохил намудани ислоҳ дар қонунгузорӣ пешниҳодот таклиф мегардад.

Дигар имконоте, ки истифода намегардад, роҳ ва сайёҳӣ ба шумор меравад. Фосилаи байни шаҳри Ангрен то Тўрақўрғон 100 километрро ташкил менамояд, мавҷи ҳаррўзаи автомобилҳо аз 10 ҳазор зиёд аст. Соҳибкорон омода ҳастанд, ки дар шафати ин роҳ қаҳвахона, нуқтаҳои савдо ва хидматрасонӣ ташкил намоянд ва 10 ҳазор нафарро бо кори доимӣ таъмин кунанд. Вазифа гузошта шуд, ки мастер-плани марбут таҳия гардида, заминҳо ба аукцион гузошта шаванд.

Ногузирии рушди сайёҳӣ дар ноҳияҳои кўҳӣ ва зебоманзараи вилояти Намангон таъкид гардида, боркашонии ҳавоӣ ва роҳи оҳан барои қулаии сайёҳон зиёд карда шавад.

Потенсиали саноатии вилоят низ баланд мебошад. Дар солҳои охир 72 минтақаи саноатии хурд ва ҷавонон ба кор андохта шуд.

Аммо дар 16 минтақаи саноатӣ имкон вуҷуд дорад, ки лоиҳаҳои иловагӣ дар 78 гектар ҷойгир карда шавад. 29 ҳавзаи истихроҷ бо роҳи саноатӣ азхуд карда нашудааст. Содирот ба мамлакатҳои ҳамсоя 568 миллион долларро ташкил менамояд, ки ин ба потенсиали минтақа ҷавобгў нест. Бинобар ин чорабиниҳо оид ба гузоштани ҳавзаҳои истихроҷӣ ба савдо, барпо намудани посгоҳҳои гумрукии иловагӣ ва хонаҳои савдо, ба вуҷуд овардани терминали боркашонӣ дар аэропорти байналхалқии Намангон ва маркази логистикӣ дар шафати ағбаи Қамчиқ муайян карда шуданд. Дар заминаи лоиҳаҳо дар соҳаҳои бофандагӣ, чарму пойафзор, ҷавоҳирот, саноати электротехникӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон супоришҳо дода шуд.

Сохтмони силсилаи НОБ-ҳо дар дарёи Норин ва ду неругоҳи офтобии иқтидораш 1 ҳазор мегаватт дар ноҳияи Поп оғоз гардид. Соли оянда инчунин ба нақша гирифта шудааст, ки силсилаи НОБ-ҳои хурд ба иқтидори 51 мегаватт дар Канали калони Андиҷон ба кор андохта шавад. Аҳамияти идома додани ин кор ва ҳамчунин ба вуҷуд овардани низоми гидроэнергетикие, ки ҳар як дарёча, ҳар як маҳалларо фаро мегирад, таъкид шуд.

Зимни муҳокимаи мушкилоти хоҷагии қишлоқ таъкид гардид, ки кор дар бобати бетонфаршии каналҳо ва татбиқи технологияи сарфакунандаи об ҳанўз беҳбудӣ мехоҳад.

Дар ноҳияҳои Учқўрғон, Поп, Уйчӣ ва Мингбулоқ моҳипарварии босуръат дар асоси таҷрибаи Словения инкишоф хоҳад ёфт, дар ин соҳа чор лоиҳаи бузург ба кор даровaрда мешавад.

Аз 1,5 миллион тонна меваву сабзавоте, ки дар вилояти Намангон парвариш ёфтааст, ҳамагӣ 10 фоизаш содир гаштааст. Дар сурати дуруст ташкил намудани кор содиротро то 3-5 маротиба афзудан мумкин аст. Барои ин географияи содироти меваву сабзавот то ба Чин, Олмон, Италия, Испания ва мамлакатҳои араб вусъат пайдо мекунад. Харитаи агрохимияи 54 ҳазор гектар замин таҳия карда мешавад, 18 ҳазор гектари он ба талаботи «GSP+» мутобиқ гардонда мешавад.

Дар минтақа дараҷаи азнавкоркарди мева, сабзавот, гўшт ва шир паст мебошад. Барои мисол, сарфи назар аз махсус гардонда шудани ноҳияҳои Косонсой ва Чортоқ ба сабзавот ва тухмӣ ягон корхона барои азнавкоркард вуҷуд надорад.

Аз ин рў, 62 лоиҳа ба қимати 141 миллион доллар ба кор андохта мешавад, кластерҳои калони чорводорӣ ташкил мегарданд.

Ба вазифаҳо оид ба беҳсозии инфрасохтори шаҳр ва маҳаллаҳо эътибори алоҳида нигаронда шуд. Ҳоло шаҳри Намангони Нав барои 200 ҳазор аҳолӣ сохта мешавад. Дар ноҳияҳои Чуст ва Поп мавзеъҳои Ўзбекистони Нав барои 10 ҳазор нафар аҳолӣ ва инчунин иморатҳои иқоматӣ барои 20 ҳазор квартира, IT-парк ва боғҳои сабз сохта хоҳанд шуд.

Вазифаҳо оид ба беҳсозии таъминоти об, сохтмон ва таъмири роҳҳо дар ноҳияҳо муайян карда шуданд.

Дар пойгоҳи 16 маркази махсуси тиббии минтақа 2 маркази тиббии Намангон – якум ва дуюм ба вуҷуд оварда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки хидматҳои таъҷилӣ ва дигари тиббӣ, хидмати ташхис ва соҳаҳои нозуки махсуси тиббӣ дар як ҷо ҷамъ омада, хидматрасонии шабонарўзиро ба аҳолӣ таъмин намояд.

Масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълими олӣ, инчунин шуғли ҷавонон ва занон ба миён омад.

Бинобар масъалаҳои дар ҷамъомад муҳокимагардида гузориши ҳокимони вилоятҳо ва ноҳияҳо, вазирон шунида шуд. Аз тариқи алоқаи видеоӣ мукоалмаи самимӣ бо ҷамъияти ноҳияҳо ба вуқўъ пайваст.

Бо ташаббуси роҳбари давлат соли 2017 дар ноҳияи Тўрақўрғон мактаби эҷодӣ, боғ ва музейи Исҳоқхон Ибрат сохта шуда буд.

Соли 2021 Шавкат Мирзиёев зимни мулоқот бо интихобкунандагони вилояти Намангон пешниҳод намуда буд, ки мактаби олии таълимии забонҳои хориҷӣ ба вуҷуд оварда шавад, ки номи ҷадиди гузаштаи моро дошта бошад. Ин пешниҳод низ ба воқеият табдил ёфт – донишкада фаъолияташро дар Тўрақўрғон соли 2022 оғоз намуд.

Дар донишкада факултаи забонҳои ҷаҳон, шаш кафедра ва 16 самти таълим фаъолият дорад. Ҳоло ҳозир дар ду курс 1523 донишҷў таҳсил менамояд. Дар оянда афзудани теъдоди донишҷўён дар назар аст.

Бинобар ин дар ҳудуди Намангони Нав дар майдони 5 гектар кампуси нави муассисаи таълими олӣ бунёд мегардад.

Президент бо ҷараёни кори сохтмон шинос шуд.

Ҳоло бинои таълимӣ барои ҳазор нафар, толори варзиш ва ошхона бунёд гаштааст. Ба нақша гирифта шудааст, ки моҳи августи соли ҷорӣ онҳо ба бахрабардорӣ супурда шаванд. Дар марҳилаҳои оянда сохтмони хобгоҳ барои донишҷўён ва боз як бинои таълимӣ дар назар дошта шудааст.

Президент инчунин бо тақдимоти марҳилаҳои сохтмони Намангони Нав шинос гардид.

Сохтмони шаҳр ду сол қабл шурўъ шуда буд. Ҳоло иморатҳои бисёрошёнаи молики 2764 квартира бунёд гардида, сохтмони боз 648 бино идома дорад.

Шаҳр барои 200 ҳазор нафар муқаррар гаштааст. Дар ин ҷо кўдакистон, мактаб ва дигар муассисаҳои иҷтимоӣ, минтақаи саноатӣ ҷой хоҳанд гирифт. Дар ҳамин ҷо боғи «Ўзбекистони Нав» бунёд хоҳад гардид.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки шаҳр бояд қулай, бехатар бошад ва баҳрабардории босифатро таъмин намояд, хуллас таҷассумгари консепсияи «шаҳри оқил» гардад. Бинобар ин оид ба таҳияи мушаххаси лоиҳа ва пурзўр намудани назорати сифати кор супоришҳо дода шуд.

Пас аз ин Шавкат Мирзиёев бо лоиҳаи такмили аэропорти байналхалқии Намангон шинос гардид.

Роҳ аз водии Фарғона ба дигар минтақаҳои мамлакатамон аз тариқи ағба мегузарад ва на ба ҳамаи самтҳо ба поезд дастрасӣ вуҷуд дорад. Аз ин рў худи ҳаёт тақозо менамояд, ки инфрасохтори аэропорт беҳтар карда шавад, ки он ба рушди тиҷорат, хидмати нақлиёт ва сайёҳӣ тахрики тавоно мегардад.

Дар доираи лоиҳа сохтмони терминали боркашонӣ, маҷмўъҳои кейтеринг ва сўзишворирезӣ, дигар биноҳои хоҷагидорӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин афзудани иқтидори убури терминали мусофиркашонӣ соате то як ҳазор нафар интизорӣ меравад. Терминали боркашонӣ потенсиалро дар соҳаҳои тиҷорат, содирот ва транзит пурзўр менамояд.

Ғайр аз ин лоиҳа таҷдиди парки техникаи махсусро пешбинӣ менамояд, ки ин имкон медиҳад ҳар гуна намуди самолёт қабул карда, ба онҳо хидмат расонда шавад.

Роҳбари давлат дар бобати баланд бардоштани самарабахшии кори аэропорт супоришҳо дод ва таъкид намуд, ки афзудани парвозҳои маҳаллӣ ва байналхалқӣ, пурра истифода намудани имконоти логистикӣ ногузир мебошад. Яке аз вазифаҳои асосӣ таъмини арзонии билет бояд гардад.

Бо ҳамин Президент Шавкат Мирзиёев сафари худро ба вилояти Намангон анҷом дод.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ДАР ТУРКМАНИСТОН РЎЗҲОИ МАДАНИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН БАРГУЗОР МЕШАВАНД

***Вазири фарҳанг Озодбек Назарбеков бо сафири Туркманистон дар Ўзбекистон Шадурди Мередов мулоқот анҷом дод.***

Зимни мулоқот масъалаҳои марбут ба як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ, ки барои татбиқи муштарак пешбинӣ шудааст, баррасӣ шуданд.

Аз ҷумла, 26-27 марти соли 2024 дар шаҳри Анау (Туркманистон) чорабиниҳои «Пойтахти фарҳанги ҷаҳони туркӣ», сафари ҳайат ва гурўҳи эҷодӣ таҳти раҳбарияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Ўзбекистон ба нақша гирифта шудааст. Дар рафти мулоқот масъалаҳои ташкилии сафар мувофиқа карда шуданд.

Дар баробари ин вазифаҳое, ки барои иҷрои қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи васеъ ҷашн гирифтани 300-солагии шоир ва мутафаккири бузурги туркман Махтумқулӣ Фироғӣ» аз 19 феврали соли 2024 пешбинӣ шудаанд, муфассал мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Оид ба офаридани филми бадеӣ дар бораи Махтумқулӣ якҷоя бо кинематографистони Туркманистон, ба саҳна гузоштани спектакл дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоир, баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявӣ бо иштироки вокалчиёни ҷавони ўзбек «Иҷрокунандаи сурудҳои беҳтарин ба шеърҳои Махтумқулӣ» бо иштироки мутахассисони туркман, шаби эҷодӣ бахшида ба хотираи мутафаккир ва шоири бузург мубодилаи афкор ба амал омад.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо дар бораи соли равон баргузор намудани Рўзҳои фарҳанги Ўзбекистон дар Туркманистон, инчунин дар бораи ташкили гастролҳои ҳунарпешагони халқӣ аз кишвари бародар ба мамлакати мо ба мувофиқа расиданд.

Озодбек Назарбеков намояндагони халқи бародариро барои ширкат дар ҷашнвораи «Лазгӣ», ки 25-30 апрел дар Хева ва ҷашнвораи санъати мақом, ки 26-28 июн дар ноҳияи Зомин баргузор мегарданд, даъват кард.

Дар мулоқот инчунин масъалаҳои иштироки намояндагони санъати Туркманистон дар Ҷашнвораи байналмилалии мусиқии «Таронаҳои Шарқ», Конфронси байналмилалӣ оид ба санъати бахшигӣ, ҷашнвораи байналмилалии ҳунармандӣ, Ҷашнвораи байналмилалии мусиқии фолклории «Роҳи бузурги абрешим», ҷашнвораҳои театрӣ ва дигар чорабиниҳо, ки дар Самарқанд баргузор мешаванд, баррасӣ гардиданд.

Ҳамзамон масъалаҳои ҷудо намудани квота барои намояндагони Туркманистон дар муассисаҳои таълими Ўзбекистон, ки ба самти фарҳанг ва санъат ихтисосонида шудаанд, рушди ҳамкорӣ дар соҳаи театр баррасӣ шуданд.

**Н.УСМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

***Чин яке аз мамлакати калонтарини ҷаҳон ба шумор меравад. Солҳои охир кишварамон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҳамкориҳои самаранокро ба роҳ монда, комёбиҳои назаррас ба даст меорад. Дар мамлакатамон бо ҳамкории сармоягузорони чинӣ шумораи корхонаҳои нав сол то сол меафзояд.***

# КОРХОНАИ НАВИ ХОРИҶӢ

Ҳокими вилояти Намангон Шавкат Абдураззоқов чанде пеш ҳангоми ташриф ба мамлакати Чин бо соҳибкорони маҳаллӣ вохўрда, 32 лоиҳаро бо арзиши умумии 3,2 млрд. доллар имзо кард. Аз ҷумла, бо ширкати «China Mining (Shanxi) Energy GroupCo LTD» ба маблағи 200 млн. доллар шартнома имзо карда шуд, ки дар натиҷа дар ноҳияи Чусти вилоят боз як корхонаи нави истихроҷи мис ба кор медарояд.

Ба қарибӣ директори ширкат LYU ZHAN, муовин ва роҳбари лоиҳа LIU FANGJUAN ба вилояти Намангон ташриф оварда, дар қабули ҳоким шуданд. Дар вохўрӣ масъалаҳои муҳими лоиҳа баррасӣ гардид. Дар ин хусус дар ноҳияҳои Чуст ва Поп, ки имкониятҳо фароҳам оварда шудааст, бояд корҳои амалӣ оғоз ёбанд.

Барои маълумот дар вилоят 67-то корхонаи Чин фаъолият дорад.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

*Қарор ва шарҳ*

***Ба мақсади офаридани низоми нав оид ба ҳифзи иҷтимоии шахсони ногиро дар Стратегияи «Ўзбекистон-2030» алоҳида зикр шудааст. Сазовори эътибор аст, ки дар ин бобат корҳо оғоз ёфтаанд.***

# НИЗОМИ ДАСТГИРИИ ШАХСОНИ БА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ МУҲТОҶ БА ЗИНАИ НАВ БАРДОШТА МЕШАВАД

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 27 феврали соли 2024 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба такмил додани низоми таъминоти шахсони ниёзманд бо асбобу анҷоми протезӣ-ортопедӣ ва воситаҳои техникии тавонбахш» қабул гардид.

Бо қарори мазкур низоми дастгирии шахсони ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ аз ҷиҳати сифат ба зинаи нав бардошта шуд. Аз ҷумла, механизмҳои таъмин намудан бо анҷомоти протезӣ-ортопедӣ ва воситаҳои техникии тавонбахшӣ сода карда мешаванд.

Ҳуҷҷат бо он аҳамиятнок аст, ки иҷрои аксарияти вазифаҳои муайяншуда, нақшаҳо барои ояндаи наздик пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, то 1 майи соли 2024 навъҳои маснуоти протезӣ-ортопедӣ ва воситаҳои техникии тавонбахшӣ аз ҷониби давлат ба таври кафолатнок таъминшаванда аз 18 то 30 адад васеъ карда мешаванд. Пешбинӣ шудааст, ки маблағи ҷудошаванда якуним баробар зиёд карда, ба 100 миллиард сўм расонда шавад.

Ҳамчунин муайян карда шуд, ки ҳаҷми маблағе, ки давлат барои харидани асбобҳои протезӣ ва воситаҳои тавонбахшӣ ба шахсони ниёзманд ҷуброн менамояд, вобаста ба шароити бозор то се баробар ва баъзе навъҳои воситаҳо то даҳ баробар зиёд карда шавад.

– Дар бораи онҳое, ки ба асбобҳои протезӣ ва воситаҳои тавонбахшӣ эҳтиёҷ доранд, маълумот мавҷуд аст, – мегўяд раиси Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ Мирзобек Ниёзов. – Дар соли 2023 эҳтиёҷоти 47 ҳазор нафар шаҳрвандони ин тоифа таъмин карда шуданд. Ҷараёни интизор шудани бисёр шахсон дар муддати вақти муайян тўл кашид. Бо ин қарор низоми бақайдгирии анҷомоти протезӣ ва воситаҳои тавонбахшии он шахс аз лаҳзаи муайян шудани маъюбӣ ва дар як-ду рўз ба манзилаш расондани он ба роҳ монда мешавад. Қаблан эҳтиёҷмандон имконияти интихобкунии корӣ надоштанд ва имкони харидории воситаҳои навъи замонавӣ маҳдуд буд. Дар ҳалли ин гуна мушкилот васеъ намудани доираи воситаҳои зарурӣ аҳамияти калон дорад.

Имрўзҳо ба он диққати махсус дода мешавад, ки аҳолӣ бо коғазбозии гуногун сарсону саргардон карда нашавад. Вақте ки сухан дар бораи шахсони имконияташон маҳдуд меравад, таъкид кардан ҷоиз аст, ки ба онҳо қулайиҳои бештар фароҳам овардан аз ҳама муҳим аст.

Тибқи ин қарор, аз 1 майи соли 2024 зарурати ба анҷомҳои протезӣ ва воситаҳои тавонбахшӣ ниёз доштани маъюбон дар асоси шаҳодатномаи маъюбӣ бидуни додани хулосаи тиббии алоҳида муайян карда мешавад. Хулосаи тиббӣ дар бораи ниёз ба анҷомҳои протезӣ ва воситаҳои тавонбахшии шахсони синну соли нафақа, ки гурўҳи маъюбӣ надоранд, дар низоми электронии иттилоотии «Экспертизаи тиббию иҷтимоӣ» расмӣ гардонда мешавад.

Дар ҳуҷҷат инчунин ба дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ, ки бо таҷҳизоти протезӣ ва воситаҳои тавонмандӣ таъмин менамоянд, эътибор дода шудааст. Маблағи боҷҳои муайяне, ки барои бақайдгирии давлатии чунин воситаҳо, ҷузъҳо ва қисмҳои эҳтиётии истеҳсолкунандагони хориҷӣ ситонида мешавад, 50 фоиз кам карда мешавад. То 1 январи соли 2027 воридоти асбобҳои протезӣ, ҷузъҳо ва қисмҳои эҳтиётии онҳо ба қаламрави Ҷумҳурии Ўзбекистон аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад.

Ин қарор яке аз қадамҳои далерона дар кишвари мо барои тағйир додани зиндагӣ, тарзи зисти мардум ва дастгирии шахсони ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ гардид.

**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**



*Шуъбаҳои корҳои мудофиа дар мавзеъҳо дорои шароити хуби замонавӣ буда, баҳри таъмини дахлнопазирии сарҳад ва афзоиши иқтидори мудофиа ҳиссаи муносиби худро мегузорад.*

*Шуъбаи корҳои мудофиаи ноҳияи Ургут низ яке аз чунин шуъбаҳо ба шумор меравад. Бинои нави он дар асоси ҳомигӣ аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди “BIG story” ба ивази 6,2 миллиард сўм барпо карда шуд.*

*Бинои нав дар як вақт 220 нафар даъватшудагонро қабул карда метавонад.*

***Дар сурат:** дар шуъбаи корҳои мудофиаи ноҳияи Ургут.*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

# ОЁ ҶАВОНОН ВАҚТИ ХУДРО ПУРМАҲСУЛ МЕГУЗАРОНАНД?

***Кишвари азизу соҳибистиқлоли мо, ки дар раванди татбиқи ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ қарор дорад, ба донишу неруи созандаи ҷавонон умед бастааст.***
***Чунки ҷавонон дар шароити кунунӣ ба воқеияти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳони муосир зудтар ва беҳтар ҳамоҳанг гардида, дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ низ саҳми беназир гузошта метавонанд.***
***Бемуҳобот, ҷавонон қувваи бузург ҳастанд ва ҳар миллат дар ҳар давру замон аз ҷавонони худ орзую умедҳои калонро ният мекунад. Ояндаи Ватани мо маҳз дар дасти ҷавонон аст ва инро Президент Шавкат Мирзиёев батакрор ба мо – ҷавонон ёдрас менамояд.***
***Аммо як саволе ба миён меояд. Ҳоло ҷавонон вақти худро чӣ тавр мегузаронанд?***

– Чанд сол пеш аз ин дар кўчаҳои деҳ наврасону ҷавонони маҳаллаамон машғули бозиҳои гуногуни шавқовар мешуданд. Ҳарчанд овози онҳо ба ҳафт маҳалла рафта мерасид, вале касе аз ин доду фарёд дилтанг намешуд. Баръакс, эҳсоси хотирҷамъӣ мекард, ки фарзандонаш ҳамроҳи ҳамтоёни худ бо ким-кадом бозӣ машғуланд. Ҳатто атрофиён низ бозиҳои онҳоро ба шавқу ҳавас тамошо мекарданд. Ҳар як намуди бозӣ мавсими худро дошт. Дар он гоҳ ин ё он нафар ё ину он гурўҳ ғолиб ва гоҳ мағлуб мегардид. Ҳангоми таҳсил дар мактаб бошад, ин деҳотиён ба китобхониву илмомўзӣ машғул буданд,– мегўяд зимни суҳбат устоди Донишгоҳи давлатии Фарғона, дотсент Фарҳод Исомиддинов.

**– Ҳоло чӣ? Оё вақти ба зодгоҳ рафтан чунин манзараҳои гуворои пештараро мушоҳида мекунед, устод?**

– Ҳаргиз! Имрўз ҳар ҷо равӣ, як манзара пеши назар ҷилвагар мегардад. Ҳама дар даст телефон, ба тамошои ҳодисаву воқеаҳои нодаркору бесамар, ҷангу низоъ, ҳаводиси аз воқеъият дур, суҳбату мулоқотҳои барои синну соли онҳо номуносиб ва амсоли он вақташонро сарф мекунанд, ки дар шабакаҳои интернет пахш гардидаанд. Ин ривоҷёбии технология, албатта, аз як ҷиҳат тарафҳои мусбат низ дорад, вале аз тарафи дигар, таъсири манфии он дар ҷавонони кунунӣ бештар мавриди назар қарор гирифтааст. Ин боиси таассуф мебошад.

Ба таъкиди устод Исомиддинов дуруст аст, ки баъзе ҷавонон барои такмили илму дониш, ёд гирифтани чизҳои марбути навовариҳо аз интернет истифода мебаранд, забонҳои дунёро омўхта, дониши худро мустаҳкам мекунанд, ки ин боиси сарфарозист.

Ҷойи иштибоҳе нест, ки дар айни замон як қатор корҳо тавассути телефон ба анҷом мепазиранд, бо мурожиат ба шабакаҳои интернетӣ ва компутер ин ё он масъаларо дар фурсати зуд ҳал кардан мумкин мегардад. Ҳамаи ин корҳои анҷомёбанда бидуни сарф намудани вақт бо ёрии технологияи замонавӣ анҷом дода мешаванд.

**– Устод, шумо гуфтаниед, ки ҳар кору чиз меъёри худро дорад?**

– Бале! Вақт чизе нест, ки онро беҳуда сарф кунӣ. Охири ҳар кори аз меъёр зиёд ё бесамар боиси пушаймониҳо хоҳад шуд. Барои ҳамин вақти худро бояд пурсамар истифода бурд. Тавре ки ба мушоҳида мерасад, ҳоло ҷавонон ба ягон истироҳат, музей ё ҷойҳои тамошобоби дигар раванд, ё дар ягон маросими идонаву тадбир иштирок кунанд, бештар ба аккосӣ намудану ба саҳифаҳои иҷтимоии шабакаҳои интернетӣ коштани он машғул мешаванд. Шумо – ҷавонон бояд аз ҳар лаҳза оқилона истифода бурда тавонед ва барои амалӣ гардонидани мақсаду нақшаҳои худ кўшиш ба харҷ диҳед.

Устод ба он маънӣ низ бештар диққатро нигаронад, ки агар шахс вақти худро ба мутолиаи китоб сарф кунад, дараҷаи фикррониаш васеъ ва донишаш меафзояд. Илму дониши омўхтаи ў нафақат барои худаш, балки барои мардуми диёри худ фоида хоҳад овард.

Аз ин суҳбати ҷандлаҳзаина бо устод Фарҳод Исомиддинов дарёфтам, ки мо – ҷавонони имрўза бояд ба тамоми ҳастӣ барои устувор намудани пояҳои истиқлолияти миллӣ ва бунёди давлати пуриқтидори демократӣ, тақдири ояндаи миллат, амнияту оромии кишвар ва эҳёи дурахшонтарин арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгонамон масъулияти бузурге бар дўш дошта бошем. Зеро ҷавонон идомадиҳандаи суннатҳои таърихиву фарҳангии қадимии миллати худ, сарчашмаи ташаббусҳои бузург, манбаи ғояҳои нав, эҷодкори тақдири имрўзу ояндаи Ўзбекистони соҳибистиқлол мебошанд!

**Фархунда РАВШАНЗОДА,**
**донишҷўйи соли дувуми Донишгоҳи давлатии Фарғона.**

# СЕМИНАРИ ТАЪЛИМӢ ДАР АСОСИ «ТАҶРИБАИ САЙҲУНОБОД»

***Ташрифи сарвари давлат ба ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё, бо мақсади афзун гардондани даромади аҳолӣ дар асоси чораю тадбирҳои дар он ҷо дидашуда, аз ҷумла дар натиҷаи истифодабарии самараноки қитъаҳои назди ҳавлии аҳолӣ (17 ҳазорто хонадон), ба роҳ мондани истеҳсолот ва хидматҳои саноати хурд чун омили муҳими зиёд гардидани даромади аҳолӣ бешубҳа барои ҳамаи ҳудудҳои ҷумҳурӣ чун таҷрибаи муҳим аҳамият дорад.***

Имрўз мувофиқи лаёқаташон оилаҳое, ки дар 19 маҳаллаи ноҳияи номбурда дар шароити мураккаб умр ба сар мебаранд, минитрактор, мотокултиваторҳо мегиранд. Барои онҳо ёварони ҳокимони маҳаллаҳо дар асоси мизони «аз 1 сотих қитъаи назди ҳавлӣ камаш 1-2 миллион сўм даромад гирифтан» нақшаи тиҷоратӣ таҳия месозанд.

Бо мақсади дар вилоят татбиқ намудани таҷрибаи сайҳунободиён дар ҳокимияти вилояти Бухоро семинари таълимию амалӣ баргузор гардид. Дар он масъулони идораҳои алоқаманди маҷмўи иқтисоду молияи шаҳру ноҳияҳо, бонкҳои тиҷоратӣ, шуғл, ҳокимияти маҳаллӣ иштирок карданд. Таъкид ёфт, ки дар асоси таҷрибаи Сайҳунобод дар вилояти Бухоро низ аз ҳар як маҳалла то ҳафт оилаи камдаромади имконияти меҳнаткунӣ доштаро интихоб намуда, таҳти ҷалб намудани соҳибкорони пуртаҷриба онҳоро мувофиқи қобилияташон ба чорводорӣ, паррандапарварӣ, занбўриасалпарварӣ, харгўшпарварӣ, моҳидорӣ ва ғайра равона карда, инчунин ташкил намудани гармхонаҳо (дар атрофи 3 сотих) ва дар як сол бештар аз 50 миллион сўм даромад гирифтани эшон чораю тадбирҳои кумакрасонӣ дида мешавад. Бо ин мақсад масъулони бонкҳои тиҷоратие, ки ба маҳаллаҳо вобаста мегарданд, бо кумаки ёварони ҳоким баҳри созмон додани сарчашмаи даромад ба хонадонҳои интихобшуда, ташаккулёбии маданияти нигоҳубини қитъаҳо, расондани маҳсулоти сабзавоту полиз, ниҳолшинонӣ, кўчатгирӣ, ободгардонӣ, кабудизоркунӣ, хидматрасонию савдо ба аҳолӣ, истифодабарии самаранок аз иморатҳои холиистода шахсан ҷавобгаранд. Ҷараёни корҳои дар ин бора амалёфта ҳар рўз дар штаби вилоят муҳокима мегардад.

Дар семинар гузориши роҳбарони садоратҳо ва идораҳои дахлдор шунида шуд. Дар охир бобати дар маҳалҳо оммавӣ гардондани таҷрибаи сайҳунободиён ба масъулони кор тавсия ва супоришҳо дода шуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

***Бойсунро метавон аз ноҳияҳои фарҳангии ҷумҳурӣ ҳисобид. Зеро санъату ҳунаре, ки дар ин сарзамини санъатдўсту ҳунарпарвар аз рўзгори мозӣ арзи вуҷуд дорад, имрўз ҳам рушд мекунад ва ҷаҳониёнро чун оҳанрабо ба худ мекашад. Чун анъана имсол низ дар моҳи май Ҷашнвораи байналмилалии «Баҳори Бойсун» баргузор мешавад.***

# ОМОДАГӢ БА ҶАШНВОРАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «БАҲОРИ БОЙСУН»

Санъат ва ҳунардўстони дунё баҳри тамошои манзараҳои дилфиребу Бойсун ва маҳсули дастони пурҳунар, рақсҳои ҷаззоб ва шунидани суруду таронаҳои миллӣ ба ин ҷо ташриф меоваранд. Омодагӣ ба он кайҳо оғоз шудааст. Созмонҳои мутасаддии ободонӣ, сохтмон, роҳ, маданият ҳама сафарбар шудаанд.

Дар ҷаласае, ки таҳти раҳбарии ҳокими ноҳия Баҳодур Шукуров гузашт, ин масъалаи муҳими рўз матраҳ гардид. Ҳоким гуфт, ки ҷашнвораи анъанавӣ бояд аз ҳарсола куллан фарқ кунад. Зеро аз таҷрибаи солҳои қаблӣ бармеояд, ки ба тамошои он майлу рағбати ҷаҳониён беш аз пеш меафзояд ва сафи меҳмонон ҳам аз ҳарсола зиёдтар мешавад. Аз ин рў бояд ҷиддӣ омодагӣ гирифт, зеро дар ин самт ҳанўз камбудиҳо бисёранд.

Дар ҷаласа ҳисоботи мутасаддиёни соҳаи маданият низ шунида шуд.

Ба онҳо супоришҳои зарурӣ дода шуданд.

Дар бахши дувуми ҷаласа, ки таҳти раҳбарии раиси шуъбаи маънавият ва маърифати ҳокимияти ноҳияи Бойсун Сурайё Ғозиева баргузор гардид, намояндагони соҳа, вакилони Академияи байналмилалии илм, адабиёт, санъат, маданият ва фанҳои иҷтимоӣ, инчунин эҷодкорони ноҳия ширкат варзиданд. Баъд аз баррасии масоили мазкур ба рўзноманигорон Ҷумъаназар Анoров аз ноҳияи Қумқўрғон, Ҷумъаназар Мадиев аз ноҳияи Бандихон, ки ба узвияти Академияи номбурда пазируфта шуданд, гувоҳнома ва дипломи академия супорида шуд.

Дар чорабинӣ раиси шуъбаи вилоятии академия Тўрамурод Раҳмон роҷеъ ба эътибору дастгирии ҳукумат нисбати илм, адабиёт, санъат ва маданият сухан гуфт ва аъзоёни навро табрик кард.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

## *ХАБАРҲО*

### МАВСИМИ ГАРМИДИҲӢ БА ОХИР РАСИД

***Дар қарори ҳукумат аз 15 июли соли 2014 «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои хидматрасонии коммуналӣ» қайд шудааст агар ҳарорати миёнаи ҳаво тўли панҷ рўзи пайиҳам аз 8 дараҷа баланд бошад, аз рўзи дигар сар карда давраи гармигузаронӣ ба охир мерасад.***

Бо назардошти ҳамин аз 26 март дар шаҳри Тошканд мавсими гармидиҳии солҳои 2023-2024 ба анҷом расид. Назар ба маълумоти маркази гидрометерологияи шаҳри Тошканд дараҷаи миёнаи ҳарорати шабонарўзӣ дар пойтахт аз 10 дараҷа болост.

Маълум, ки бо баҳисобгирии давом ёфтани гармидиҳӣ ва ҳаҷми манзилҳои бисёрошёна аҳолие, ки аз ин навъ хидмати коммуналӣ истифода кард, ҳақ месупорад.

### САЙРИ «ЛАЗГӢ» ДАР ХОРИҶ

***Рақси «Лазгӣ»-и хоразмӣ ба сифати элементи мероси маданиии Ўзбекистон дар Репрезентативи мероси маданиии ғайримоддии инсоният номнавис гардидааст.***

«Лазгӣ» бо рақсҳои дилошўб ва баромадҳои рангин тамошобинони дунёро мафтун мегардонад. Сафарҳои ҳунарии он ҳамеша бобарор ва таассуротгузор. Чунончи, ба наздикӣ ансамбл аз Боку баргашт.

Хусусан спектакле, ки санъаткорони мо намоиш доданд, озарбойҷониҳоро хеле мафтун гардонд. «Рақси муҳаббат ва қалб» ном гирифта буд баромади дастаи ҳунарӣ.

Тамошобинон дигарбора бовар ҳосил карданд рақси дилоро нафақат ба кас завқ мебахшад, балки одамонро муттаҳид ва ҳамфикр месозад. Имкон фароҳам меоварад онҳо паҳлўҳои тозаи зебоиро кашф намоянд.

### ҶАВОНОН – ОЯНДАИ ФУТБОЛИ ЎЗБЕКИСТОН

***Футбол яке аз навъҳои оммавишудаи варзиш дар Ўзбекистон мебошад. Ҷавонони футболбозии мо вақтҳои охир маҳорат нишон дода, дар арсаҳои байналхалқӣ бомуваффақият тўбронӣ мекунанд.***

Қарори Президенти Ўзбекистон «Дар бораи чораҳои иловагии рушди ҳарҷонибаи футболи оммавию касбӣ» татбиқи амалии худ ёфта, аз байни авлоди ҷавон футболбозони касбӣ ба воя мерасанд. Дар равнақи футболи Ўзбекистон нақши ҳомиён низ назаррас. Оператори мобилии «Olympic Mobiuz» сарҳомии клуби футбол мебошад.

Ин оператори мобилӣ, гуфтан мумкин, дар равнақи навъҳои варзиши олимпӣ, омодасозии варзишгарони малаканок, бобати дастгирии ҷавонони иқтидорнок дар сиёсати давлатӣ фаъолона ширкат меварзад.

Дар назди Кумитаи миллии олимпӣ ҷамоаи футболе ташкил карда шудааст, ки он соли равон дар Про-лигаи Ўзбекистон дебют гашт. Дар таркиби он футболбозони ҷавоне ҷой гирифтаанд, ки дар солҳои 2005–2007 таваллуд ёфтаанд.

Омодагӣ ба Бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2028 аллакай оғоз ёфтааст.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

# ФАЪОЛИЯТИ ҲОЗИРАЮ ОЯНДАИ «МУХТАСАР ТЕКСТИЛ»

То соли 2022 Юнусҷон Шарифов оилавӣ дар Русия 20 сол кору зиндагӣ кард. Гоҳо нобарориҳои мусофирӣ низ тоқати ўро мешикаст. То ин сол дар Ватани мо бисёр ислоҳоту дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ рух дода, ба соҳибкорон роҳи фарохи пешрафт кушода шуд. Аз ин тағйирот дар мусофират хабар ёфта, Юнусҷон бо оилааш аз Русияи дурдаст ба зодгоҳи худ — шаҳри Чуст баргашт. Аввал як молхонаи калон сохта, дар он бо чорводорӣ машғул шуд. Бо ин кори хонагӣ ҳоли ў бад нашуд. Баъд писарашро хонадор кард. Рўзе келинаш Мухтасари таҷрибадор гуфт:

— Ба ман 5 мошини дарздўзӣ харед.

Юнусҷон рад накард. 5 мошини дарздўзии овардаашро ба як хонааш ҷойгир кард. Дар ин ҷо Мухтасар бо дўзандаҳо кор сар кард. Корхонаи хурд «Мухтасар текстил» ном гирифт. Талабҳо ба маҳсулоту коргаргирӣ зиёд мешуданд. Барои ин соҳибхона чорвояшро фурўхт. Молхонаашро вайрон карда, ба ҷойи он ба 40 нафар дўзанда коргоҳ бунёд кард. Помидору бодиринги бобаракаи дар замини холишуда рўида низ насиби ҷамоа гардид. Аз ҷумла, хўроки пешин ба ҷамоат бепул аст. Корхона бештар барои ҷавонону бачагон футболкаю шортик медўзад, инчунин баҳри дўхту дўз фармоишҳои ҳархела қабул мекунад. Коргарзанон аз шаҳри Чуст, деҳаҳои Баймоқу Дамободанд, ба кор бо мошинҳои «Дамас»-и корхона омада, мераванд. Чорводории пешина ба манфиати шахсӣ нигаронида шуда буд, акнун бар ивази он ин ҷамъияти истеҳсолии Юнусҷон Шарифов ба омма хидмати самимӣ карда истодааст.

Либосҳои тозаю харидоргирашонро хонаводаи Шарифов дар бозори Чуст бо нархи арзон мефурўшад, ҳамчунин ба хориҷ мебарорад. Соли ҷорӣ ба Русия 250 миллион сўмина маҳсулот фиристоданист.

Занону духтарони маҳаллаи Зарафшони шаҳр, ки дар самти шоҳроҳи Намангон — Тошканд воқеъ аст, арз кардаанд, ки роҳи дурро тай намуда, дар ноҳияи Тўрақўрғону шаҳри Намангон меҳнат мекунанд. Аз дероию мондашавӣ ба аъзои хонадонашон ғамхорӣ карда наметавонанд.

Соҳибкори дурандешу рўзгордида Юнусҷон арзу пешниҳодро ба инобат гирифта, бо мақсади ба кор қабул кардани эҳтиёҷмандон ба 0,12 гектар замин, ки дар маҳаллаи Зарафшон дошт, боз ба 120 коргарзан ҷойи кор сохта истодааст. Сохтмони он моҳҳои наздик ба охир мерасад. Аз ин ташаббусу кори неки ў Президентамон ва Сарвазир хабар доранд, ҳатто Сарвазир Абдулло Арипов таъкид карда будааст, ки дар тадбири кушоиши коргоҳи нав иштирок ва бо автобусҳо онро таъмин хоҳад кард. Ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов огоҳ намудааст, ки ҳар гуна ёрӣ зарур шавад, тайёр аст ба соҳибкор кумак расонад.



Хулоса, Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Мухтасар текстил»-и маҳаллаи Хоҷаободи шаҳри Чуст ояндаи дурахшон дорад.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
**шаҳри Чусти вилояти Намангон.**

Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

# БОЗТОБИ ШУКӮҲУ ҶАЛОЛИ НАВРӮЗИ БОСТОНӢ ДАР ШЕЪРИ СЕ ТАН ШОИРИ ТОҶИКИ ӮЗБЕКИСТОНӢ

***Бо шарофати истиқлол рӯҳи худшиносӣ ва худогоҳӣ қувват гирифт. Суннатҳо ва ойинҳои ниёкон аз нав эҳё шуда, аз ҷониби халқ, бахусус адибону олимон ба хушнудӣ мавриди истиқбол қарор гирифтанд. Дар амалӣ шудан ва мақоми давлативу миллӣ пайдо кардани онҳо саҳми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир мебошад. Ин абармарди дунёи сиёсат дар муддати кӯтоҳ ба аксар ойинҳои мардумӣ ва идҳои мазҳабӣ умри дубора бахшид. Онҳо бо хусусияти башардӯстонаашон дар миёни халқ маҳбубият пайдо карда, ҳамчун рукни тавонманди миллӣ пазируфта шуданд. Дар ин миён ҷашни бостонии Наврӯз ҷойгоҳи арзишманд дорад ва ба таври хос таҷлил мегардад. Бо пешниҳоди Сарвари давлати тоҷикон ва ҳамраъйии сарони давлатҳои ҳавзаи Наврӯз ин ҷашни бостонӣ ҷаҳонӣ гашт ва имрӯзҳо дар саросари олам бо шаклу шеваи мухталиф таҷлил мегардад.***

Дар Тоҷикистон азамат ва шукӯҳи Наврӯзи фархундапай мақоми хусравонӣ касб карда, ҳамчун як рукни фарҳанги миллӣ пазируфта шудааст ва дар қаламрави кишвар бисёр бо шукӯҳ таҷлил карда мешавад. Мардум омаданашро бесаброна интизор мешаванд ва бо шодиву фараҳ истиқбол мегиранд, ойинҳои наврӯзиро риоя карда, базмҳо меороянд, дастархони идона паҳн мекунанд, ғамҳо ва кинаҳоро аз хеш дур карда, шодмону хушҳол мешаванд.

Тоҷикони Ӯзбекистон низ ҳамроҳ бо бародарони ӯзбек ва халқҳои муқими кишвар ҷашни Наврӯзи оламафрӯзро бо шодиву фараҳ таҷлил карда, файзи онро саодати рӯзгор медонанд. Онҳо бо риояи суннатҳои наврӯзӣ дар ҳар маҳал бо шукргузорӣ суфраи идона густурда, Соли нави аҷдодиро бо қалби саршор аз меҳр пешвоз мегиранд ва ҳамдигарро табрик менамоянд. Ба фараҳболии мардум адибону шоирон низ ҳамроҳ шуда, бахшида ба Наврӯз ва баҳор шеър менависанд, бузургиву шаҳомати ин ойини миллиро васф менамоянд.

Адибони тоҷики ҳавзаи Ӯзбекистон бо муҳаббати ба худ хос фаро расидани Наврӯзро тасвир ва фурӯғи башарии онро ситоиш менамоянд. Дар миёни онҳо се тан шоири пурмаҳсулу заҳматкаш ва навҷӯю навпардоз Паймон, Абдулло Субҳон ва Ҷаъфар Муҳаммад бештар ба мавзӯи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир карда, шеърҳои пурмазмун сурудаанд. Онҳо бузургиву шаҳомати ҷашни Наврӯзро бо муҳаббати хоса сутуда, ҷанбаи баланди миллӣ, фаромиллӣ ва умумибашарӣ доштани онро бо тасвирҳои ҷолиб бозтоб намудаанд.

Махсусан, Паймон (Тӯхтамиш Тӯхтаев, таваллудаш соли 1955) аз зумраи адибони борикбин мебошад, ки дар аксар шеъру ғазалу дубайтӣ ва рубоиҳояш аз Наврӯз ёд карда, дилгармиву хушҳолии мардумро ошкор месозад, ҷашни бостонӣ будани онро бо истифода аз руҷӯъҳои лирикӣ таъкид менамояд. Вай дар шеъри «Ҳалқа бар дар мезанад Наврӯз боз» аз эҳёи табиат сухан ба миён меоварад ва андешаҳояшро чунин хулоса менамояд:

*Ҳамчу абри осмони кишварам,*
*Ҷони ман тундарзанон дар пайкарам,*
*Борад оби шеър рӯйи дафтарам,*
*Ҳалқа бар дар мезанад Наврӯз боз.*

Шоир мисли мурғи фориғбол парвоз кардани хаёл, амсоли рӯд ҳаракат кардани он, ҷон дамидан ба гулу сабзаҳои нозанин, сархуш гардидани ошиқон, тавон гирифтани замин ва дигар гаштани табиатро васф карда, омадани Наврӯзро ба хонанда хабар медиҳад. Дар шеърҳои «То ҳанӯз», «Хуршед мерасад», «Баҳор бар дарам расид», «Баҳор мерасад», «Абрҳо, абрҳои наврӯзӣ», «Бигзарам ҳар субҳидам аз боғ», «Боз меояд баҳор», «Рез борон» ва ғайра расидани фасли баҳорро ба ҳаммеҳанону ҳамзабонон табрик гуфта, ин арӯси нозанини солро васф мекунад. Шоир ба зебоии табиат, ки хоси ин фасли сол аст, сано хонда, рӯҳ гирифтани одамон, зинда шудани муҳити атроф, фаровон шудани ҷӯйборон ва ғайраро, ки бо рамзҳои баҳорӣ ба таври тавъам омезиш меёбанд, бо завқ инъикос мекунад. Чунончи, дар як ғазалаш мегӯяд:

*Баҳор мезанад қадам, замин баҳор мешавад,*
*Шақоиқони он алам ба кӯҳсор мешавад.*
*Кулангу ресмони вай дар осмони хотирам,*
*Зи нав чу дар самои деҳаам навор мешавад.*
*Ба ҳусни тозаи замин чу бар ҷамоли маҳҷабин,*
*Дили хуморпешаам зи сар хумор мешавад...*

Дар аксари рубоиҳои Паймон баробари мавзӯъҳои иҷтимоиву маънавӣ васфи Наврӯз бо як эҳсосоти рӯҳбахш тасвир шуда, шоир бо муҳаббат аз ин ойини миллӣ ёд мекунад ва сифатҳои онро тавассути андешаҳои рангини қаҳрамони ғиноӣ бозгӯ месозад. Вай дар силсилаи «Наврӯз шуду...», ки дар чилу як чаҳорпора фароҳам омадааст, васфи Наврӯзро баён карда, ба сифатҳои неки инсондӯстона доштани ҷашни бостонӣ ишора мекунад:

*Наврӯз шуду кард ғазалхон дили моро,*
*Наврӯзу баҳорону ҳамалхон дили моро.*
*Наврӯз шуду сад масали зиндагӣ нав шуд,*
*Яъне, ба масал сохт бадалхон дили моро.*

Ҷаҳони отифии Паймон хеле рангин буда, бо васфи Наврӯз ва ситоиши рукну суннатҳои он боз ҳам рангин мешаванд, шаҳомати ин ойини мардумӣ дили қаҳрамони ғиноиашро ба шӯр меоварад ва шоир аз ниҳонхонаи қалбаш таъбирҳои латифу зеборо интихоб карда, зебоии Наврӯз, мардумӣ будани онро таъкид мекунад ва дар тасвир ҳад нагузошта, шаҳомату бузургии ин ойини бостониро васф месозад.

(Давомаш дар саҳ.4).

# «ОВОЗИ ТОҶИК»: 100 СОЛИ ПУРШАРАФ

## ЁДИ ЁДҲО

(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

### ...ИН ДУ РАФИҚ «НЕ»-РО НАМЕДОНИСТАНД

...Шодравон Турсунбой Раҳимҷонов мудири шуъбаи саноат ва Хӯҷамурод Қӯлдошев мудири шуъбаи мактаб буданд. Онҳо як хислати аҷиб доштанд: дар ҳаёти худ «не»-ро, қариб кор намефармуданд. Ҳар кас ҳар чӣ илтимос кунад, ба ҷо меоварданд. Гӯшт ё дигар хӯроквориро, ки танқис буд, аз кимкуҷоҳо ёфта медоданд. Ба ҳар эҳтиёҷманд дасти ёрӣ дароз мекарданд. Аз ин боис, бисёр вақт зарар мединанд.

Он рӯз Хӯҷамурод ба кор дер омада, сабабашро «аз релс баромадани трамвай» нишон дода, ҷонашро аз ҷазои раиси касаба (Қиличев) халос карда буд. Чоштгоҳ, вақти «хониши сиёсӣ», ин ду рафиқ набуданд. «Хониш» ба охир расид. Ҳар ду рафиқ яке супсурху дигараш сап-сафед пасту баланд, бо чеҳраҳои хандон пайдо шуданд. Раиси иттифоқи касаба, ки аз муҳаррир супориш гирифта буд, онҳоро дошта, сабаб пурсид. Раҳимҷонов узр пурсид, ки вақташ кам аст, бояд тарҷима кунад, сӯи «машбюро» шитофт. Ӯ дар даст як нусхаи «Правда» дошт.

Хӯҷамуроди ҳозирҷавоб дар як он баҳона ёфта гуфт: – Ҳомидҷонака, ман ба гапи шумо амал карда, як сари қадам ҳамон трамвайи пагоҳӣ аз релс баромадаро рафта аз ҳолаш хабар гирифта омадам...

Худораҳматии Норов, ки аз завҷаи Хӯҷамурод – Шодмоной сабаби дермонии шавҳарашро пурсида буду нағз медонист, аз таги дилаш ба завқ механдид. Баробари ба наздаш омадани Хӯҷамурод ба вай ҷиддӣ таъкид кард, ки ҳатман як соати нағзи «будилник» хараду аз баҳри баҳонаҷӯӣ гузарад. Ба ин гап ҳам Хӯҷамурод ҷавоби муносиб ёфт: соати бедоркунак дорам, аммо вай вақте занг мезанад, ки ман масти хобам... Ҳозир барои он дер мондам, ки ба таклифи устод (яъне Раҳимҷонов) не гуфта натавонистам, барои рафъи гармӣ андаке пиво нӯши ҷон карда омадем...

Он вақт дар байни ходимон «устод» гуфтан расм буд.

Он солҳо хастагиҳои кори душвори рӯзномаро ҳамкорон бо ҳазлу шӯхиҳои сабук рафъ менамуданд. Гоҳо Раҳматҷонака баъди «супориш»-и телефонии завҷа зиқ шуда, аз идора муддате берун бароянд, гумон мерафт, ки то омаданашон ҷони навбатдор ва муҳаррир ҳам аз қолаб мебаромад.

Борҳо дидаем, ки ҳангоми аз идора баромадан, акаи Раҳматҷон чанд варақ барои тарҷума бо худ гирифта ба папка ҷой мекард, ҳатман коғазҳои болои мизро, ки аз хабарҳои ТАСС, ЎзТАг, ТоҷикТА, АПН, суратҳо иборат буд, ба тартиб меовард, сонӣ ҳамроҳи муҳаррир ба дар мерафт. Раҳорах, то омадани мошини хидматӣ дар бораи тарҳу мундариҷа ва географияи маводи шумораи навбатӣ нақл мекард. Ин, албатта ҳисобот додан ба сарвари идора намояд ҳам, бештар дилбастагии ҷонии котиби масъулро нисбати вазифа инъикос мекард, ҳамзамон нишони босамар истифода бурдан аз вақт буд.

Раҳматҷон Норов масъулияти вазифаи худро дар назди ҳукумати давр, миллати худ, фарҳангу забони ғании вай нағз медонист, шахси ҳамадон буд. Қобилияту маҳорати ҳар ходимро, дар кадом соҳа ба чӣ қодир аст, нағз дарк ва қадр мекард. Мабодо аз ягон шуъба чизи ба забону адабиёт тааллуқдошта ба «котибот» ояд, ҳатман ба Ҷонибек медоданд, то «як назар бинад». Ва агар оиди тибб сари истилоҳе иштибоҳ афтад, дарҳол маро ба ҳузурашон даъват мекарданд, агарчи худ аз ҳамаи мо донишманду забардаст буданд.

... Ғуруби офтоби умри худро акаи Раҳматҷон пеш аз вафоташ ҳис карда буд. Чанд вақт пештар сайри Самарқанд рафт, қабри волидайн зиёрат кард. Аз хонумаш ниҳонӣ бо писаре, ки дар Маскав дошту мехонд, телефонӣ гап зад. Раҳматҷон Норов он рӯзи наҳс пагоҳии бармаҳал ба кор омада, аз ошёнаи 6 ба поён, ба матбаа медарояд, то материалҳои чиндашударо, ки «гранка» ном дошт, худ биоварад ва дар асоси он «макет» (тарҳ)-и газетаро созад. Мехост кори навбатдор осон гардонад ва то дери шаб кор давом наёбад. Сад афсӯс, ки вопасин рӯзи рӯзгораш шуд.

Баъди даргузашти ӯ, ба ростӣ, «Ҳақиқати Ӯзбекистон» бе «сутун» монд. Инак баъди гузашти солҳо, дар 100-солагии «Овози тоҷик» бори дигар меҳоҳам ёдрас кунам, ки хоксор, озодахислат дар як идора солҳо кору хидмат намудан бо ин тоифа мардони кор, бандаро боиси ифтихор аст.

Партави чароғе, ки дар «Овози тоҷик» як идда абармардони арсаи адаб таҳти раҳнамоии устод Айнӣ 100 сол муқаддам дар Самарқанд афрӯхта буданд, имрӯз дар Тошканд нурафшон аст.

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти шоистаи Ӯзбекистон.**

# НИҲОЛИ ДӮСТӢ ПУРБОР БОШАД

***Асоси ҳамаи пешрафту тараққиёт ва дастовардҳо дӯстиву рафоқат аст, ки байни мардуми кишварамон сол аз сол мустаҳкам мешавад. Ҳар як фарди ҷомеаи мо ба қадри ин дӯстиву бародарӣ мерасад ва дар таҳкими бинои он саҳми арзандаи худро мегузорад. Адибон чи дар замони гузаштаву чи дар замони муосир дар осори худ дӯстиву рафоқатро ба таври воло тараннум кардаву мекунанд.***



– Ин дӯстӣ баҳамоваранадаи намояндагони тамоми миллату ақвомест, ки зери як осмон ба сар мебаранд ва аз як ҳаво нафас мекашанд,– мегӯяд дар асноии як суҳбат пири хирад ва донандаи таъриху адабиёти мумтозу муосир устод Бегалӣ Болтаев. Вай дар айни ҳол сокини деҳаи Ҳушёри ноҳияи Сӯх мебошад. Тамоми умри бобаракати хешро ба рушди соҳаи маориф бахшидааст. Ба таъкиди устод беҳуда нест, ки мавзӯи дӯстиву рафоқати байни миллатҳои маскуни ин мамлакати паҳноварамон ҳамеша дар сархати аввали суҳбат, гуфтушунид ва мулоқотҳо қарор мегирад.

– Кӯдакиву наврасиам замонеро дар бар мегирад, ки одамон дар шароити басо номусоид, нодорӣ ва мӯҳтоҷи як пора нон ба сар мебурданд. Онҳо ба ҷои нон кунҷора хӯрда, худ ва аҳли оилаашонро аз марг наҷот медоданд. Як нуктаро қайд мекунам, ки таърих ҳам онро инкор накардааст. Дар замони ҷанги хонумонсӯзи солҳои 1941–1945 маҳз дӯстиву бародарӣ моро аз юғи фашизм раҳоӣ бахшид. Тоҷик бо ӯзбек, рус бо тотор, қазоқ бо бошқирд, қирғиз бо украин мисли фарзандони як падару модар алайҳи даҳшатҳои фашизм мубориза бурданд ва ғалаба ба даст овардаанд, – гуфт устод Бегалӣ Умарович.

Баъд ҳамон байти маъруфи шоири тавонои тоҷик Мирзо Турсунзодаро вирди забон овард:

*Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.*

Инсон бо сухани хушку холӣ ба дӯстиву рафоқат ноил намешавад. Ҳарчанд дар бораи дӯстӣ шиорпартоиҳои зиёдро дидаам ва ҳатто дар гузаштаи наҷандон дур, дар ин раванд худ фаъолона ширкат намудаам, аммо имрӯз маҷрои ҳаёт ба сӯйи дигар меравад. Он одамони зиёди гумроҳро метавонад аз паси худ барад ва ҳаёт инро собит карда истодааст. Дар чанд мамолики дунё ҷангу даргирӣ идома карда, мардумро ба вартаи ваҳшат қарор додаанд, шабакаҳои телевизионӣ рӯзмарра аз қатлу куштори пиронсолон, занону кӯдакони бегуноҳ хабар медиҳанд. Ҳамаи ин бо дастони инсон ба амал бароварда мешавад, ки боиси таассуф мебошад, – иброз дошт ин пири хирад.

– Як шеъри Камол Насруллоро бароятон мехонам, ки хеле хуб дар бораи дӯстии ду халқи бародар – тоҷикону ӯзбекон сурудааст:

*Пайванди як имонем, фарзанди мусалмонем,*
*Не тоҷику не ӯзбек, парвардаи як нонем!*
*Ду дидаи як рӯем, ду соҳили як ҷӯем,*
*Ду устуни як хона, ду сӯи як айвонем!*
*Ҳамсояву ҳамқисмат, ҳамхонаву ҳамисмат,*
*Омехта чун ҳастӣ дар як дилу як ҷонем!*
*Шаҳри ману ту як шаҳр, наҳри ману ту як наҳр,*
*Ҳатто ба мазоре як кулфатзада сар монем!...*

Ӯ нимаи аввали солҳои панҷоҳуми асри гузашта бахши суханшиносии Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод ба номи С. М. Кировро хатм кардааст.

– Дар бораи дӯстӣ ривоятҳои зиёде мавҷуданд, ки ба бузургони дину шариат марбутанд, – ба суҳбати мо идома медиҳад устод. – Аз ҷумла, дар яке аз ин ривоятҳо Паёмбар (с) мефармоянд: «Ҳар гоҳ яке аз шумо бародар ва ҳамроҳи худро дӯст доред ва алоқамандӣ пайдо кунед, бояд ӯро аз муҳаббат ва алоқаи худ огоҳ созед, зеро ин кор муҷиби беҳбудии равобит мешавад». Ҳазрати Паёмбар (с) дар ҷои дигар фармудаанд: «Ҳаргоҳ бо касе дӯст шудӣ, бояд аз номаш ва номи падараш ва қабилааш ва манзилаш савол кунӣ, ки ин ҷузъи воҷиботи дӯстӣ буда ва покизатарин дӯстӣ аст».

Дар байни мардум мақоле ҳаст, ки дар маҳфилу нишастҳои гуногун аз он ёдовар мешаванд: «Ҳазор дӯст кам аст, як душман – зиёд». Ин ҳам воқеияти ҳол аст, зеро як душман метавонад коре кунад, ки ҳазор дӯст дар рафъи он мушкилӣ хоҳад кашид,– изҳор намуд Б. Болтаев.

«Назди табиб нараву назди корафтода рав» гуфтаанд дар урфият. Бегалӣ Болтаев дар тӯли 95 соли ҳаёти худ пастиву баландиҳои зиёдро аз сар гузаронидааст. Аз муаллими одӣ, корманди шуъбаи маорифи ноҳия, то ҷонишини сардори идораи Вазорати маорифи Тоҷикистон расидааст. Дар ҳамин син низ ба ҳаводиси атроф бетафовут нест. Гоҳ-гоҳ ба мактабҳои деҳа, маҳфилу нишастҳои гуногун ӯро даъват мекунанд.

– Устод хеле ботамкин, ҳамеша бамаънӣ, пурмуҳтаво суҳбат мекунанд. Ҳар суҳбаташон аз панду ҳикмат ва андарз иборат аст. Бештар аз дӯстиву рафоқат ва бародариву баробарӣ ҳарф мезананд. Мегӯянд, ки ниҳоли дӯстӣ пурбор буду ҳамеша пурбор хоҳад монд ва душманӣ озори дил аст. Хислати дигари он кас, ки моро ба ҳайрат овардааст, бекор нанишаста ба китобхонӣ машғул шудан мебошад. Ҳар китобе, ки ба дасташон мерасад, дар як ҳафта-даҳ рӯз онро хонда мебароянд. Илоҳо, устод садсолаву саду даҳсола шаванд ва аз он кас ҳамчун боргоҳи хирад боз солҳои дароз баҳра барем, – мегӯяд корманди Ширкати миллии садову симои ҷумҳурӣ дар ноҳияи Сӯх Ҷаҳонгир Собиров.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



*Мактаб-интернати ихтисосонидаи санъати Қашқадарёи назди Академияи бадеии Ӯзбекистон дар шаҳри қадимаи Шаҳрисабз фаъолият мебарад.*

*Муассиса бо таҷҳизоти хониш оид ба фанҳои ихтисосонида, молберт, мошинҳои дӯзандагии замонавӣ, ашёҳои намоишӣ, техникиву лабораторӣ таъмин гардидааст.*

*Хонандагони эҷодкори мактаб дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бомуваффақият иштирок намуда, соҳиби ҷоиза мегарданд. Инчунин, дар байни хатмкардагон ва хонандагони самти охири таълимгоҳ мутахассисони ҷавоне, ки дар рушди санъати амаливу тасвирии кишвар ҳиссаи муносиби худро мегузоранд, бисёранд.*

***Дар сурат:** дар мактаб-интернати ихтисосонидаи санъати Қашқадарё.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

# ДАР ВАШИНГТОН МУАРРИФИИ КИТОБИ НАХУСТИН ДАР БОРАИ АНЪАНАҲОИ РАҚСИ ЗАНОНАИ ӮЗБЕКИСТОН БАРГУЗОР ШУД

***Дар маркази пойтахти ИМА – Клуби машҳури санъат (Arts Club of Washington), хонаи собиқ президенти панҷум Ҷеймс Монро маросими муаррифии китоби нахустин бахшида ба анъанаҳои рақси занонаи Ӯзбекистон ба вуқӯъ пайваст.***

Бинобар маълумоти Сафоратхонаи мамлакати мо дар ИМА дар чорабинии мазкур арбобони намоёни санъат, намояндагони доираҳои расмӣ ва тиҷоратии ИМА ширкат варзиданд. Ба меҳмонон рақсҳои зебои ӯзбекӣ, аз ҷумла «Доирангни чал», «Лазгӣ», «Ҷонон бӯламан», ки аз ҷониби иштирокдорони гурӯҳи «Silk Road Dance» иҷро гардид, пешкаш карда шуданд. Ҳозирон аз нафосат ва шаҳомати рақсҳои миллии ӯзбекӣ ба ваҷд омаданд.

Китоби «Анъанаи рақсҳои занонаи Ӯзбекистон» асари роҳбари ширкати «Silk Road Dance», иҷрогар ва хореографи шинохта, олими машҳур Лаурел Грей мебошад.

Дар суханронии худ хонум Лаурел Грей таъкид кард, ки дар Ғарб аз нозукиҳои санъати рақси Ӯзбекистон, ки нафақат бозгӯйи таърихи ин кишвари Роҳи абрешим аст, балки боз асрори рақси занонаро инъикос менамояд, кам хабардор мебошанд.

Китоб маълумоти хронологии эҳёи рақсҳои ӯзбекӣ буда, дар бораи тамоми хелҳои рақс муфассал нақл мекунад.

Ин ҳодисаи пураҳамият мероси ғановатманди фарҳангии Ӯзбекистонро равшан ва ба пахншавию ҳифзшавии он дар олам мусоидат хоҳад кард, – қайд карданд иштирокдорони чорабинӣ.

Лаурел Грей – олими фарҳангшиноси дараҷаи байналхалқӣ, иҷрогар ва хореографе мебошад, ки ҳаёти худро ба омӯхтану азхуд кардани маданияти рақсҳои кишварҳои Роҳи абрешим бахшидааст. Ӯ соли 1984 ба Ҷамъияти рақс ва маданияти Ӯзбекистон асос гузошт, соли 1994-ум бошад, Лагери ҳарсолаи рақси Осиёи Марказиро таъсис дод. Вай сазовори Ҷоизаи байналхалқии унвони «Хореографи беҳтарин» (2003) ва «Беҳтарин раққосаи миллӣ» (1999) гардидааст.

Ширкати «Silk Road Dance Company», ки Лаурел Грей асос гузошт, дар ҷашнвора ва чорабиниҳои байналхалқии фарҳангӣ мунтазам ширкат меварзад. Лагери рақси Осиёи Марказӣ, ки таҳти роҳбарии ӯ ташкил гардидааст ба амрикоиён имкон медиҳад, ки анъанаҳои рақсҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ, уйғурӣ, афғонӣ ва эрониро омӯзанд.

Вай анқариб 15 маротиба аз Ӯзбекистон боздид оварда, бо Театри калони давлатии академии ба номи Алишери Навоӣ ҳамкорӣ кардааст, узви ҳакамоти ҷашнвораҳои байналхалқӣ, аз ҷумла «Raqs sehri» («Муъҷизаи рақс»), «Sharq Taronalari» ва ғайра мебошад.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ВАШИНГТОН.*

